# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"21" 06 соли 2023 №144уи шаҳри Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4, 9 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4, 5, сархати 1 банди 38 ва 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ибодзода Саидмуқим Тиллохӯҷа ба унвони илмии профессор сазовор дониста шавад.
2. Ба Ибодзода Саидмуқим Тиллохӯҷа шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси Тибби клиникӣ дода шавад.
3. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор чораҳои зарурӣ андешад.
4. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Базаров Ш.Э.) вазифадор карда шавад, ки барои дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: дархости Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 20 апрели соли 2023, №01/1871-1 ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2023, №7.

Раис Розиқзода А.